Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, E-mail: faridullo72@mail.ru.

ТАҚРИЗ

ба автореферати Исоев Аслиддин Шамсудинович дар мавзуи "Такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст.

Тағайрёбии босуръати муҳити молиявӣ масъалаи таъмини устувории низоми молиявӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ва идоракунии хавфҳои ба фаъолияти онҳо вобастаро дар мадди аввал мегузорад. Ташкилотҳои маблағгузории хурд ҳамчун яке аз унсурҳои муҳими низоми молиявӣ дар таъмини дастрасии аҳолӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ, инчунин, дар хизматрасониҳои молиявӣ нақши назаррас дошта, такмилдиҳии усулҳои танзими молиявӣ, идоракунии хавфҳои бамиёномада яке аз масъалаҳои мубрами илмию амалӣ ба ҳисоб меравад.

Мубрамияти мавзуи интихобнамудаи Исоев Аслиддин Шамсуддинович пеш аз ҳама бо зарурати таҳкими устувории молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд, баланд бардоштани сатҳи эътимоднокии онҳо ва пешгирии таъсири хавфҳои молиявӣ, қарзӣ, амалиётӣ ва дигар намудҳои хавфи молиявӣ муайян мегардад.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки муаллиф масъалаҳои назариявӣ, методологии идоракунии хавфҳо ва арзёбии хавфҳоро дар ташкилотҳои маблағгузории хурд мавриди таҳқиқ хуб қарор додааст.

Муаллиф аз рӯйи вазифаҳои таҳқиқот мавқеи худро майян намуда, ба хулосае омадааст, ки муайян кардани объекти системаи идоракунии хавфҳо аз таҳлили намудҳои хавфҳое, ки ташкилотҳои маблағгузории хурд ба онҳо дучор мешавад, гурӯҳбандӣ ва танзими онҳо иборат аст. Ғайр аз он, ҷой доштани хавф имкони дур шудан аз рисолати асосии иҷтимоии муассисаро дар назар дорад. Рӯйхати хавфҳое, ки коршиносон, кормандони бахши воқеӣ ва танзимгарон дар маблағгузории хурд таҳия кардаанд, ба андозаи кофӣ хеле васеъ мебошад.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти илмии Исоев Аслиддин Шамсуддинович дар мавзуи «Такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд» ба самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ ва молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, ба ҳалли яке аз масъалаҳои муҳими

Сканировано с CamScanner

рушди низоми молиявӣ – таъмини устувории фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд, баланд бардоштани самаранокии идоракунии хавфҳо ва таҳкими эътимоднокии хизматрасониҳои молиявӣ равона гардидааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти чунин ташкилотҳоро муайян намуда, рушди бозори хизматрасонии маблағгузории хурд ва дастгирии соҳибкории хурду миёнаро пешбинӣ менамояд.

Муаллиф қайд менамоянд, ки сарфи назар аз равандҳои ҷаҳонишавӣ ва танзим, бозорҳои молиявӣ бештар ноустувор ва пешгӯйинашаванда мегарданд. Ба ғайр аз пардохтпазирӣ, хавфҳои бозорӣ инчунин хатарҳои асъорӣ, фоизӣ ва тағйирёбии қурби коғазҳои қиматнокро дар бар мегиранд. Тавре ки дар бонк мавҷуд аст, дар ТМХ низ бояд идоракунии дурусти дороиҳо ва уҳдадориҳо мавҷуд бошад, ки бештар хислати пешгирикунанда дошта бошанд на бартарафкунанда. Мувозинати муҳлати дороиҳо ва уҳдадориҳо дар амал қариб ғайриимкон аст.

Дар автореферат қайд мешавад, ки самаранокии системаи идоракунии хавфҳо бештар аз он вобаста аст, ки раванди иртибот чӣ гуна ташкил шудааст ва то чӣ андоза иттилоот дар бораи хавфҳо сари вақт ва дар ҳаҷми зарурӣ пешниҳод карда мешавад. Субъектҳои системаи идоракунии хавфҳо, иштирокчиёни раванди идоракунии хавфҳо мебошанд ва вобаста ба марҳилаи раванди мазкур фарқ мекунанд

Муаллиф бисёр ба маврид ва сари вақт доир ба самтҳои коҳиш додани фоизи қарзҳо ва кам кардани хавфҳои фаъолияти ТМХ, татбиқи системаи мукаммалу эътимодноки шинохти мизоҷон, таъсиси пойгоҳи ягонаи додаҳо дар ҳамкорӣ бо бонкҳо ва роҳандозии таърихи қарзии муштариён муҳим аст, то вақт ва хароҷоти коркарди дастраскунии қарзҳо кам карда шаванд.

Маводи пешниҳодгардида нишон медиҳад, ки муаллиф кӯшиш намудааст, ки хусусиятҳои ташаккули хавфҳоро дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд бо дарназардошти шароити иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, роҳҳои такмили усулҳои танзим ва идоракунии онҳоро пешниҳод намояд. Истифодаи маълумоти оморӣ, нишондиҳандаҳои фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ва натиҷаҳои таҳлили муқоисавӣ барои асоснок намудани хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ мусоидат намудааст.

Аз нигоҳи сохтор ва мазмун, автореферат ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мутобиқ буда, масъалаҳои асосии диссертатсияро фаро мегирад. Дар он объект ва предмети таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои назариявию методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин, хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф ба таври мушаххас инъикос ёфтаанд.

Бовуҷуди муваффақияту комёбиҳои таҳқиқотии унвонҷӯ, ки дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд, як қатор камбудию норасиҳоро низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки онҳо арзиши баланди таҳқиқотро коста

Сканировано с CamScanner

намегардонад. Ҳамзамон, бо ислоҳи ин норасоӣ ва камбудиҳои мазкур моҳияти амалию методологии автореферат бехтар мешавад:

1. Хуб мешуд дар автореферат SWOT- таҳлили як ташкилоти маблағгузории хурдро нишон медод, ки вазъи он чӣ гуна мебоша, аммо муаллиф ба он аҳаммият надодааст.

2. Дар замони рушди иқтисодӣ рақамӣ муаллиф агар хавфҳои молиявии рақамиро хуб нишон медод, кори диссертатсия ва автореферат дигар мешуд.

Бояд гуфт, ки камбудиҳои зикргардида ба мазмуну муҳтавои автореферат таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва дараҷаи илмии онро коста намекунанд.

Кори илмӣ-таҳқиқотии Исоев Аслиддин Шамсудинович дар мавзуи "Такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд" дар сатҳи зарурии илмӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи КОА-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Тақриздиҳанда:
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Досиев М.Н.**

Имзои Досиев М.Н. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсус, н.и.п. **Насурдинзода А.Н.**

Сурога:734003, шахри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел./факс (+992 37) 224-17-86, 228-92-20, www.apa.tj; info@apa.tj

Сканировано с CamScanner